## Тақризи

**роҳбари илмӣ ба рисолаи дисертатсионии Обидзода Умед Фозил дар мавзуи “Ҳамкориҳои иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар шароити тағйирёбии вазъи геоиқтисодӣ дар ҷаҳон”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (6D051301 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ), пешниҳод карда шудааст.**

Ҳамчун роҳбари илмӣ бо Обидзода У.Ф. мо ҳанӯз аз соли 2022 корро дар ин самт аз интихоби мавзуъ оғоз намудем. Дар раванди фаъолияташ унвонҷӯ худро ҳаматарафа мусбат нишон дода, қобилияти пешбурди таҳқиқоти илмӣ, пайгирӣ кардани дилхоҳ масъала то пайдо шудани роҳи ҳалли ниҳоии он, муносибати эҷодӣ ва интизоми қатъӣ нисбат ба кори эҷодӣ сабаб гардидаанд, ки номбурда аз ҷамъоварии маводҳои пароканда сар карда, то ба сатҳи як таълифоти тому мукаммали баландарзиши илмӣ, бо забони фасеҳу равони иқтисодии илмӣ, бандубасти моҳиронаи кор, натиҷаи матлубу дилпазир даст ёбад. Ба андешаи мо, диссертатсияи Обидзода У.Ф. дар мавзуи “Ҳамкориҳои иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар шароити тағйирёбии вазъи геоиқтисодӣ дар ҷаҳон” дар сатҳи баланди илмӣ омода карда шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои дараҷаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ҷавобгӯ мебошад.

Дар шароити ҳамгироии босуръати иқтисоди ҷаҳонӣ ва таҷдиди равандҳои геостратегӣ таҳқиқи омилҳои баландбардории рақобатпазирӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ зарурияти хосса касб менамояд. Иқтидори афзояндаи Хитой дар иқтисоди ҷаҳонӣ ва ҷойгоҳу нақши мустақими он дар минтақаи Осиёи Марказӣ, хусусан дар доираи «Як камарбанд – як роҳ», таҳлили ҳамаҷонибаи омилҳои таъсиррасон ба равандҳои сармоягузорӣ ва тиҷоратро дар байни ду кишвар талаб менамояд.

Ҳамин тавр, мубрамияти таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки натиҷаву хулосаҳои асосии он метавонанд ҳамчун асоси илмию методологӣ барои ниҳодҳои дахлдори давлатӣ ва бахши хусусӣ дар самти тарҳрезии барномаҳои ҳамкориҳои дуҷониба ва дурнамои муносибатҳои иқтисодӣ истифода шаванд. Бо назардошти он ки ҷанбаҳои байналмилалии рушди иқтисодӣ дар шароити рақобати байналмилалӣ аҳаммияти калидӣ доранд, арзёбии илман асосёфтаи ҳамкориҳои тиҷоратӣ-сармоягузории Тоҷикистону Хитой дар раванди шаклгирии

рақобатпазирӣ, болоравии иқтидори содиротӣ ва ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ нақши муассир мебозанд. Дар айни замон чунин робитаҳо нисбати таҳкими мавқеи Ҷумҳурӣ дар низоми мураккаби геоиқтисодии ҷаҳонӣ як қатор муаммо ва мушкилотҳоро ба вуҷуд меоранд, ки боиси интихоби мавзуи мазкур аз ҷониби Обидзода У.Ф., мантиқи бандубасти он, гузоштани ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ гардидааст.

Ногуфта намонад, ки худи Обидзода У.Ф. аз вазифаи ассистенти кафедаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ сар карда, то муовини декан оид ба тарбия, то ба дараҷаи декани факултет сазовор гадидааст ва аз ин рӯ, аз мушкилоти дар ҳамкориҳои иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой мавҷудбуда огоҳии комил дорад. Мавзуи рисолаи илмии мавсуф низ ба таҳқиқи яке аз масъалаҳои иқтисодиёти ҷаҳонӣ Ҳамкориҳои иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар шароити тағйирёбии вазъи геоиқтисодӣ дар ҷаҳон бахшида шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия Обидзода У.Ф. масоили назариявии ҳамкориҳои Тоҷикистону Хитойро мавриди таҳқиқ қарор дода, равишҳои назариявиро баррасӣ намуда, густариши ҳамкориҳои соҳибкориро миёни ин кишварҳо пажуҳиш намудааст. Зимни пажуҳиш Обидзода У.Ф. густариши ҳамкориҳоро миёни ин кишварҳо ҳамчун омили асосии пешрафти сармоягузорӣ ва тараққиёбии низоми хоҷагидорӣ арзёбӣ намуда, ҷанбаҳои афзалиятноки онро пешниҳод намудааст.

Масъалаҳои гардиши молу маҳсулот миёни ин кишварҳо, сармоягузориҳои Хитой ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омилҳои ба ин раванд таъсирбахш таҳлил гардидааст. Ҳангоми таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ Обидзода У.Ф. раванди густариши сармоягузориҳоро баррасӣ карда, имкониятҳои тақвияти минбаъдаи онро таҳқиқ намудааст. Махсусан ба таъсири омилҳо дар вақти сармоягузориҳои Хитой ба Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи вижа зоҳир гардидааст, ки ба пешрафти ин самт заминаи муносибро фароҳам меорад.

Дар қисми сеюми диссертатсия масъалаҳои таъсири омилҳои геоиқтисодӣ ба ҷараёни рушди минбаъдаи муносиботи Тоҷикистону Хитой, самаранокии ҳамкориҳои иқтисодӣ байни ин кишварҳо ва тақвияти минбаъдаи он баррасӣ ва таҳқиқ карда шудааст. Обидзода У.Ф. бо истифода аз усулҳои риёзӣ дар иқтисодиёт дурнамои ҳамкориҳоро байни ин давлатҳо пешгӯӣ намудааст, ки аз таҳқиқоти амиқи ӯ гувоҳӣ медиҳад.

Обидзода У.Ф. дуруст хулоса мекунад, ки дар шароити кунунии тағйироти геоиқтисодӣ, ки бо раванди бозсозии занҷирҳои арзишофарини ҷаҳонӣ ва афзоиши рақобати байниминтақавӣ тавъам аст, нақши ҳамкориҳои тиҷоратӣ-сармоягузорӣ бо Хитой барои Тоҷикистон дорои аҳаммияти хос мебошад. Дар шароите ки бозорҳои ҷаҳонӣ тағйироти зуд ва ноустуворро таҷриба мекунанд ва зарурати таъмини манфиатҳои иқтисодии миллӣ дар марҳилаҳои гузариш пеш омадааст, таҳлили амиқи хатарҳо, имкониятҳо ва паёмадҳои эҳтимолӣ ҳангоми таҳияи сиёсати давлатӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти калидӣ касб мекунад. Маҳз дар заминаи чунин таҳқиқоти илмӣ метавон заминаҳои устувори стратегияи мутавозини ҳамкориҳои хориҷӣ ва сиёсати самараноки сармоягузориро бунёд намуд.

Ман ҳамчун роҳбари илмӣ бояд хислатҳои ҳамидаи инсонии Обидзода У.Ф.-ро низ қайд карда гузарам, ки инсони хеле наҷиб, сарфи назар аз ҷавонияш солору пуртамкин мебошад.

Бинобар ин, бо дарназардошти хислатҳои наҷиби инсонӣ, олими ҷавон, сермаҳсул будани Обидзода У.Ф. арзиши баланди илмӣ доштани таҳқиқоти анҷомдодаи ӯ, ки умед аст, дар мукаммалгардонии ҳамкориҳои иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар шароити тағйирёбии вазъи геоиқтисодӣ дар ҷаҳон ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ саҳми баланд мегузорад. Бо боварии том гуфта метавонам, ки ӯ сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (6D051301 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) мебошад ва диссертатсияи таҳиянамудаи ӯ бахри густариш ва равнақи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикичтон бо Хитой заминаи мусоиди илмиро фароҳам меорад

**Роҳбари илмӣ**
д.и.и., дотсент ректори ДБССТ Асрорзода У.С.

Имзои У.С. Асрорзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБССТ
Суроға 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 48/5;
Тел: (+992 37) 234 - 88 - 02 Ҷураев Ш.Н.
E-mail: dsx_ips@mail.ru 11.09.2025